**Хулосаи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҷомеашиносии МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар ш. Хуҷанд Саидова Ситора Назаровна дар мавзӯи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна дар мавзӯи "Зиддият ва низъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" дар кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иктисод ва савдои ДДТТ дар ш. Хуҷанд иҷро гардидааст. Мавзуи мазкур ба унвонҷӯ бо мақсади бознигарии назария ва методологияи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, ва муайян намудани тағйирёбии шаклҳои зуҳури онҳо, нақши субъектҳои сиёсӣ дар ҳалли зиддияту низоъҳо, таҳқики сабабу оқибатҳои вусъатёбии зиддияту низоъ дар ҷомеаи Тоҷикистон солҳои 90 – уми асри XX дар шакли ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, ташаккули ваҳдати миллӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаи ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ва мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор додани таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон ҳамчун модели нави ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар доираи нақшаи дурнамоӣ корҳои тадқиқотӣ-илмии кафедраи номбурда пешниҳод карда шуда буд.

Муҳим ва сари вақтӣ будани мавзӯъ бешубҳа мебошад, зеро зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ҳамчун манбаи тағйирёбӣ ва рушду такомули ҷомеа ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирони пешин ва муҳаққиқони муосир қарор дорад. Дар ин робита, бояд зикр кард, ки мисли он, ки дар дар оғози тамаддун одамон дар сатҳи ҷаҳонбинии асотириву динӣ тағйирёбиҳоро эҳсос менамуданду, вале сабаби онҳоро муайян карда наметавонистанд, имрӯз ҳам дар бораи қувваи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоту тараққиёти олам баҳсу мунозираҳо идома доранд. Илова бар ин дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ба воқеият табдил ёфтани муқовимати мусаллаҳона байни абарқудратҳо бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои геостратегӣ ва геосиёсии худ, аз нав тақсим намудани ҷаҳон ва авҷгирии "ҷангҳои иттилоотӣ" баҳри ғасби ақлу ҳуши инсон муаммои мазкур дар ҳақиқат ҳам мубрамияти хоса касб намудааст.

Ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонопазири ҷаҳони муосир аз ин равандҳо дар канор намондааст. Вазъи ногувор дар мамлакати ҳамсоя Афғонистон, мунокишаҳои сарҳадӣ, иғвогариҳою шӯрандозиҳои мубаллиғони қувваҳои деструктивӣ дар фазои интернет ба эҷоди хатару таҳдидҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон равона гашта, онҳо мехоҳанд зиддияту низоъҳоро байни афрод ва ҷомеа вусъат бахшида, онро аз ҳолати мутавозини берун оранд. Аз ин лиҳоз, омӯхтани шаклу мазмун, сохтор ва сабабу оқибати ин хатару таҳдидҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки илмҳои

ҷомеашиносӣ, аз он ҷумла фалсафаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин талабот зарурияти таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ситора Назаровнаро муайян менамояд.

Дар ин робита унвонҷӯ бо мақсади таҳлили фалсафӣ-иҷтимоии мавзӯи мазкур объект ва предмети таҳқиқотро ба таври мушаххас муайян намуда, дар назди худ мақсад ва вазифаҳои мушаххас мегузорад ва онҳоро дар диссертатсия пайи ҳам муваффақона ҳал намудааст.

Муаллифи диссертатсия сатҳи коркарди мавзӯъро омӯхта, саҳми босазои муҳаққиқони пешинро дар пажуҳиши муаммои мазкур муайян намуда, ҳамзамон доираи масъалаҳоеро муайян намудааст, ки онҳо то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Дар ин масир, нуктаи таваҷҷуҳпазири илмии диссертатсия дар он аст, ки бори аввал дар ҷомеаи пасонизоии ҷомеаи Тоҷикистон дар шакли маҷмаавӣ назария ва методологияи таҳқики зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди бознигарӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳи чунин парадигмаҳо ба мисли фалсафаи конвенсиализм, конструктивизми иҷтимоӣ, принсипҳои синергетика ва диалектика ҳамчун таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф дар ҳалли зиддият ва низоъҳои ичтимоӣ муайян карда шудааст. Дар ин робита, вижагиҳои робитаи тарафайни мутақобилаҳо дар зиддият ва низоъҳои ичтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон омӯхта ва мушаххас гардонида шуда, чунин падидаҳо ба мисли ваҳдати миллӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаҳои ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ва устувор гардонии сулҳу суботи ҷомеа муқаррар гардидааст.

Аҳамияти прагматикӣ - илмии диссертатсия Саидова С.Н. боз дар он аст, ки ӯ бо назардошти равандҳои пурихтилофи ҷаҳонишавӣ, вусъати бемайлони технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва дар ин замина арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави зуҳурёбии зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ – "ҷангҳои иттилоотӣ" ва таҳдиду хатарҳои онҳо ба рушди муназзами ҷомеаи муосири Тоҷикистонро муайян намудааст; бо истифодаи қонун ва категорияҳои фалсафаи иҷтимоӣ ҷанбаҳои амалии зиддият ва низои иҷтимоӣ, яъне сабабҳо ва оқибатҳои зиддият ва низоъҳои иҷтимоии дар мисоли ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз он натиҷабардориҳо карда шудааст.

Ва боз як нуктаи хеле ҷолиби таҳқиқоти диссертатсионии Саидова С.Н. дар он аст, ки муаллиф таърихи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил намуда собит намудааст, ки ҳалли онҳо дар зинаҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба заиф гаштани назария ва методологияи маърифати равандҳои ҳастии ичтимоӣ вобаста буд. Мафҳумҳо ва конструктсияи методологии дар фалсафаи пешин ҷой дошта, дигар имконияти markup азнавдарккунии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва сафарбаркунии иҷтимоии одамонро намедоданд. Ин ҷанбаи мавзӯъ дар вобастагӣ ба сиёсати сулҳофарини Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба қазовати фалсафӣ-иҷтимоӣ кашида шуда, таъкид мегардад, ки яке аз хизматҳои

бузургу мондагори он кас аз он иборат аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолии давлати тавонистанд як мактаби фарогир, таҳаммулпазир ва сулҳофаринро бунёд намоянд. Андешаҳои муаллифи диссертатсияро идома бахшида, метавонем зикр намоем, ки маҳз ҳамин **модели нави давлатдорӣ** буд, ки Тоҷикистонро аз шиканҷаи зиддиятҳои харобиовар, нобуди наҷот бахшид, ҳам акнун тоҷикон хатари нобудиро паси сар гузошта, амнияти хешро дар ҷомеаи пуртаҳлукаи имрӯзаи ҷаҳон хифз менамоянд.

Дар диссертатсия ба таври возеҳ муайян карда шудааст, ки модели нави давлатдорӣ заминаи модел ва технологияи нави ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ гашт. Бесобиқагии ин таҷриба дар он аст, ки дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ дар илми низоъшиносӣ модели нави ҳалли низоъҳое, ки ба дараҷаи муковимати ҳарбӣ расида, бунёд карда шуд. Таҳлили иҷтимоӣ-фалсафие, ки гузаронида шуд, маълум кард, ки имрӯз дар илми низоъшиносӣ **«модели тоҷикӣ» - и** ҳалли зиддият ва низои иҷтимоӣ арзи вуҷуд намуд. Зикр гаштааст, ки таҷрибаи тоҷикон дар ин самт ҳам дар доираҳои илмии дохилию байналмилалӣ ва ҳам дар доираҳои сиёсӣ расман эътироф гашта, мавриди омӯзиши васеъ карор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, диссертант дуруст хулоса намудааст, ки бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки Пешвои муаззами миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон меъмори назария ва консепсияи **“модели тоҷикӣ”** - и ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд.

Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия зикр ва хулоса гардидааст, ки ҷаҳони имрӯза хеле осебпазир буда, зери фишори омилҳои зиёд қарор дорад. Абарқудратҳо ба ҳар роҳу васила, ҳеҷ чизро дареғ надошта, майл ба он доранд, ки дар ҷаҳон яккаҳукмронии худро таъмин намоянд. Чунин вазъият аз намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа, зубдагони сиёсӣ тақозо менамояд, ки онҳо манфиатҳои миллиро дарк намуда, онро ҳифз намоянд, ваҳдати миллии худро аз даст надода, дар маҷмӯъ онро ҳамчун сутуни устуворгардонии истиқлолияти давлатӣ истифода намоянд.

Дар ҷамъбаст зикр намудан лозим аст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он мебошад, ки хулосаҳо, тавсияҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи барнома ва стратегияҳои миллии муқовимат ба ҳаргуна гояҳои деструктивӣ, ба мисли терроризм, экстремизм ва радикализми динӣ ва чорабиниҳо баҳри пешгири намудани зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ, ки мутавозинии ҳаёти ҷомеаро халалдор менамоянд, истифода кард. Тадбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад, ҳамчун заминаи назариявию методологии пешгирии зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ, устуворгардонии пояҳои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ хизмат намояд.

Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар он зҳуҳур меёбад, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ ӯ бевосита сарчашмаҳо рисолаҳои илмӣ монографияҳо ва дигар маводҳои марбут ба мавзӯи мазкурро омӯхта мавриди таҳлил қарор додааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва хулосаву тавсияҳос, ки дар диссертатсия ҷой доранд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошанд. Ғояҳо ва хулосаҳои баровардаи таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ дар ҷусторҳои минбаъдаи илмӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тариқ, Саидова С.Н. аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба охир расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии истифода гашта, методологияи таҳқиқот ба талабот ва шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Саидова Ситора Назаровна дар мавзӯи **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)** ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», ки аз 30 июни соли 2021, № 267 ҷавобгӯ буда, барои баррасии минбаъда ва дифоъ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДИС ДДТТ: Соличонов Р.

Реквизитҳо: Индекс: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Хуҷанд, кӯчаи Исмоил Сомонӣ, 169.
тел. мобилӣ: 92 701 78 95

Имзои профессор Соличоновро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус: Маҳмудов Ш.У.
20.04.2022